# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМӢ-ОМӮЗИШӢ ДАР МАВЗУИ «НИЗОМИ РАҚАМӢ ВА ЭЛЕКТРОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ»

9-уми феврали соли 2026 бо ташаббуси роҳбарият ва кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, семинари илмӣ-омӯзишӣ дар мавзуи «Низоми рақамӣ ва электронӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти илмӣ-педагогӣ» баргузор гардид. Семинарро Ниёзӣ Сироҷиддин — директори Пажӯҳишгоҳ ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуд, ки гузариш ба низоми рақамӣ ва истифодаи технологияҳои муосир имрӯз аз самтҳои калидии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ташаккули ҳукумати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ ба шумор мераванд. Ин масъалаҳо дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гардида, дар шароити рушди босуръати илму техника гузариш ба низоми рақамӣ ҳамчун шарти муҳими рушди устувор арзёбӣ мешавад. Дар рафти семинар Шомамадова Ҳадиса — мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳ, тартиби ворид ва ирсоли маълумотномаҳои кормандони илмиро ба пойгоҳи миллии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ (сомонаи farzonagon.tj), ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардидааст, шарҳ дода, аҳамияти бақайдгирии дақиқ ва саривақтии маълумотро таъкид намуд. Дар идомаи семинар, иштирокчиён саволҳои худро вобаста ба ҷанбаҳои техникии бақайдгирӣ ва ирсоли маълумот ба миён гузошта, ҷавобҳои муфассал ва тавсияҳои амалӣ дарёфт намуданд. Баромад бо намоиши амалии кор бо сомонаи farzonagon.tj анҷом ёфта, барои кормандони илмӣ имконияти истифодаи мустақими пойгоҳи мазкур фароҳам овард.












Бақайдгирӣ